Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O17 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44

## ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Раҷаб Кӯчакович ба диссертатсияи Раҳмон Юсуф Азим дар мавзуи "Такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.04 -Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои ҷудогонаи нақлиёт хело муфид ва самаранок фаъолият намуда дар раванди ҳалли вазифаҳои асосии давлат доир ба таъмини амнияти ҳарбӣ, иқтисодӣ ва ғайра иштироки бевосита доранд. Дар ин радиф ҷойи асосиро, пеш аз ҳама, рушди комплекси авиатсионӣ ишғол менамояд, чунки бо назардошти шароити иқлиму табиат ва кӯҳсор будани қисмати зиёди кишвар, ба вуҷуд омадани заминҷунбӣ ва офатҳои табиии дигар, мураккаб будани мавқеи ноҳияю маҳалҳо таҳияи дурнамои рушди онҳоро дар асоси таъмини рушди босуботи комплекси мазкур ба роҳ мондан имконпазир аст ва омили муҳими тараққиёту истифодабарии имкониятҳои мавҷудбудаи захиравии маҳалҳо ба ҳисоб меравад.

Аз тарафи дигар новобаста ба мосоили бавуҷудомада наметавон аз имкониятҳои ҷиддии рушди соҳаи мазкур сарфи назар намуд, зеро комплекси авиатсионӣ барои давлат, бидуни шубҳа, аҳамияти стратегӣ дошта, дар асоси такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ, таъмини рушди бахшҳои мухталифи иқтисодиётро амалӣ созад. Бинобар ин дар ҳамаи стратегияҳои миллии рушд ва барномаҳои давлатӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои соҳаи авиатсияи гражданӣ ва таъмин намудани рақобатнокии онҳо бо назардошти истифодаи низоми «Фазои кушод», баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ва ба давлати транзити табдил додани Тоҷикистон диққати асосӣ дода мешавад.

Дар ин радиф зарурати рушди ҳамаи намудҳои нақлиёт дар Тоҷикистон, аз ҷумла, комплекси авиатсионӣ, дар раванди амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, созмон додан ва таъмини намудани рушди шабакаи фурудгоҳҳои

маҳаллӣ, истифодаи авиатсияи хурду миёна ҷиҳати дастрасии мардуми минтақаҳои кишвар ба нақлиёти ҳавоӣ вазифаи асосӣ ҳисобида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки бисёр масъалаҳое, ки дар комплекси авиатсионӣ, дигаргуншавии шароити хоҷагидорӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ, номукаммал будани механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро наёфтаанд. Бо назардошти ин зарурати такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст ва ин аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертасионии Раҳмон Юсуф Азим гувоҳӣ медиҳад.

**Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Масъалаҳои дар диссертатсия гузошташуда ҷанбаҳои муҳими методологӣ ва методии такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир дар бар мегирад. Бояд тазаккур дод, ки ҳануз ҳам дар адабиёти муосири илмӣ нисбати муносибатхои ташкиливу иктисодии идоракунии комплекси авиатсионӣ ақидаи ягона мавҷуд нест.

Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки асоси назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ; аз ҷумла, идоракунии комплекси авиатсионӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Муқаррароти илмии мактабҳо ва назарияҳои асосии иқтисодӣ доир ба принсипҳои идоракунии субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ, дар ҳамбастагӣ бо таҳлили сатҳи макро- ва микро имконият доданд, ки ҳодисаю равандҳо ба пуррагӣ таҳқиқ гардида, мазмуни категорияҳо ва мафҳумҳои алоҳидаи соҳа ба тариқи муфассал ошкор карда шаванд.

Дар раванди таҳқиқи рисола усулҳои абстраксияи илмӣ, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ ва муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, муносибати иқтисодӣ-оморӣ, пурсиши сотсиологӣ ва ғайра истифода шудаанд. Ба сифати усули асосӣ принсипи муносибати системавӣ интихоб гардида дар асоси он мантиқи умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ сурат гирифтааст.

Дар диссертатсия муаллиф Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии идоракунии авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводи иттилоотию таҳлилии нашрияҳо ва сомонаҳои шабакаи интернетӣ, барномаҳои давлатӣ ва соҳавӣ,

стратегияҳои давлатӣ, маводҳои конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун, монографияҳо истифода намудааст.

Бояд қайд намуд, ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси истифодаи маълумотҳои дақиқи оморӣ, натиҷагирии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот вобаста аст. Пешниҳоду тавсияҳо дар асоси таҳлили асосноки илмии натиҷаҳои таҳқиқоти ба анҷом расонида шуда сурат гирифтааст. Инчунин натиҷаҳои ба дастовардаи муаллифро, метавон дар раванди такмили механизми идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ ва амали гардонидани сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат истифода бурд.

Ба андешаи мо унсурҳои илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои диссертатсия, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузоштташударо хеле саҳеҳ нишон медиҳанд аз қисматиҳои мухталифро дар бар мегирад.

Дар рисола дар сатҳи зарурӣ асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ дар асоси таҳқиқи назариявӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, натиҷагирӣ дар асоси истифодаи методҳо ва усулҳои таъминкунандаи амалкарди самараноки фаъолияти комплекси авиатсионӣ ба анҷом расонида шудааст.

Диққати асосӣ дар рисола ба баррасӣ ва ошкор намудани моҳият, сохтор, хусусиятҳои асосӣ ва вазифаҳои комплекси авиатсионӣ дода шуда, хусусиятҳои низоми имрӯзаи идоракунии ин комплекс дар Тоҷикистон ва сабабҳои номувофиқатии он ба тамоюлҳои рушди иқтисодиёти муосир муайян карда шуда, дар ин асос самтҳои муосири мукаммалгардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур асоснок ва пешниҳод карда шаванд.

Дар диссертатсия таҷрибаи хориҷии идоракунии комплекси авиатсионӣ ва арзёбии имкониятҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шуда, принсипҳои ташаккулёбӣ ва хусусиятҳои рушди ин комплекс ҳангоми ҳамгирои ба низоми ҷаҳонии нақлиёти ҳавоӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои ҷадиди идоракунии захираҳо дар ширкатҳои ҳавоӣ мавриди таҳлил қаоро дода шудааст.

Дар сатҳи зарурӣ марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва ҳолати муосири идоракунии комплекси авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, консепсияи бунёдии низоми омодасозии кадрҳои ин пешниҳод карда шудааст. Инчунин аҳаммияти танзими давлатии фаъолияти авиатсионӣ, зерсистемаҳои он – корхонаҳои таъминоти хӯроки дохили ҳавопаймо, фурудгоҳҳо, комплекси сӯзишворӣ бо назардошти эҳтимолияти бархӯрди манфиатҳои онҳо арзёбӣ ва баҳо дода шудааст.

Дар рисола омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ ошкор ва муайян карда шуда, бо назардошти ин асосҳои услубии идоракунии комплекси авиатсионӣ дар заминаи назарияи идоракунии сифат ва тавсияҳои имрӯзаи Созмони байналмилалии авиатсияи граждании таҳия гардидааст. Инчунин амсилаи системавии амалкарди комплекси авиатсионӣ бо назардошти алтернативаи андозаҳои он ва мураккаб будани алоқамандиҳое, ки ба номуайянии натиҷаҳои ояндабинии тақозо ҷиҳати хизматрасонии авиатсионӣ таъсир мерасонанд, таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Пешниҳодҳо доир ба такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ ва соҳаҳои нави фаъолияти он дар сатҳи зарурӣ асоснок карда шуда, тавсияҳо оид ба барномаи модернизатсиякунонии низоми миллии наклиёти ҳавоӣ, бо назардошти баровардан аз ҳолати ногувори иқтисодӣ ва беҳтар кардани фаъолияти ширкати миллии "Тоҷик Эйр" таҳия ва пешниҳод шудаст. Инчунин маҷмуи тавсияҳои асоснок доир ба такмили ҷанбаҳои ҳудудии сиёсати давлатӣ ва амсилаи консептуалии ташаккули комплекси авиатсионӣ, ки имкониятҳои истифодабарии иқтидори фурудгоҳҳо, Агентии авиатсияи граждании, ширкатҳои ҳавопаймоии давлатӣ ва хусусиро дар асоси ҳамоҳангсозӣ ва ҳамгироии фаъолияти онҳо дар бар мегирад, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**Таркиби рисола. Тарафҳои мусбат ва камбудиҳои он**

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт аз 160 номгӯй ва замима иборат буда дар 171 саҳифаи чопӣ, 8 ҷадвал, 24 расм пешниҳод гардидааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи рисола, дараҷаи коркарди илмии масоил, мақсад ва вазифаҳои он, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳо, самти таҳқиқот ва дар амалия татбиқ намудани натиҷаҳои бадастомада дарҷ шудаанд.

Дар боби аввали рисола «**Асосҳои назариявии идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир**» (саҳ. 15-56) асосҳои назариявӣ ва илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ таҳқиқ шуда, сохтор ва вазифаҳои идоракунии ин комплекс дар шароити муосир баҳо дода шудааст. Диққати асосӣ ба арзёбии принсип ва усулҳои имрӯзаи идоракунӣ ва имкониятҳои татбиқи он дар дар комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Боиси қайд аст, ки дар рисола сохтори низоми нақлиёти авиатсияи граждании дар Тоҷикистон (саҳ.16) хело хуб дида баромада шуда сохтори

он мавриди арзёбӣ қарор дода шуда накши ин комплекс барои фаъолияти бомуваффақияти иқтисоди ҷаҳонӣ, рушди минбаъдаи мутаносиби он ва нигоҳ доштани рушди устувори иқтисодӣ ниҳоят муҳим шуморида шудааст. Дар асоси маълимотҳои солҳои охир хисороти муфлисшавии ширкатҳои бузурги ҳавопаймоиро дар бозори комплекси авиатсионӣ арзёбӣ гардида зарурати муносибати дифференсионалӣ дар омӯзиши таъсири комплекси нақлиётӣ аз хусусияти объективии мавҷудбудаи иқтисодиёти кишварҳои гуногун баррасӣ гардида рушди он дар раванди баррасии барномаҳои миёнамуҳлати рушди Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, самтҳои аниқи ҳалли масоили мавҷуда муайян шудааст (саҳ.21-22). Инчунин маҷмуи тадбирҳои такмили механизми идоракунии низомҳои комплекси авиатсионӣ пешниҳод гардадаает (саҳ.23). Вобаста ба талаботи баланди самаранокии низоми иҷрои хизматрасонии ҳавоии ҳамлу нақли бор ва мусофирон анҷоми амалҳо зарур шуморида шудааст (саҳ.25-26). Дар диссертатсия омӯзиши моҳият ва асосҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ, аз ҷумла таҷрибаи кишварҳои пешрафта имкон додааст, ки низоми нақлиёти авиатсионии гражданӣ дар Тоҷикистон тибқи талаботи муосир ва нақшаи сохтори комплекси авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун омили такмилоти механизми идоракунии ин комплекс дар шароити имрӯза таҳия карда шуда барои истифода пешниҳод гардидааст.

Дар асоси баррасии доктрина ва амалияи кишварҳои ҷаҳон дар ҷодаи истифодаи самараноки авиатсияи гражданӣ дар рисола муаллиф барои ноил шудан ба сатҳи қаноатбахши рақобатпазирии ширкатҳои авиатсионии ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ ҷанбаҳои ташаккули сохтор ва аниқ намудани вазифаҳои идоракунии ин комплекс таваҷҷӯҳи калон зоҳир карда шуда дастрасиро ба маълумоти саҳеҳ оид ба истеҳсолот ва идоракунӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, такмил додани шаклу усулҳои идоракунӣ дар ин соҳа мувофиқ ба таҷрибаи дар ҷаҳон андӯхташуда, созмон додани ширкати махсусе, ки заминаи техникӣ ва технологиро дар соҳа тайёр ва инкишоф медиҳад, инчунин рушди захираҳои инсонӣ дар баробари баданд бардоштани ихтисос, такмилот ва соддагардонии низоми тайёр кардани муттахассисони соҳаи авиатсияи гражданӣ пешнидҳод намудааст.

Дар зербоби дуюми ин қисмати рисола ҷиҳати такмилоти сохтор ва вазифаҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ (саҳ.31-40) марҳилаҳои ташаккулёбии истеҳсолоти ҷорӣ дар авиатсияи гражданӣ коркард карда шуда муайян намудани марҳилаҳои ташаккулёбии истеҳсолоти ҷорӣ дар

авиатсияи граждани̅ ва ҷалби таваҷҷӯҳи махсуси муттахассисони соҳа такмилоти сохтор ва вазифаҳои идоракуниро дар ин комплекс зарур шуморида шудааст.

Ба ақидаи муаллиф ҷиҳати риоя гардидани принсипҳои идоракунии комплекси авиатсиони̅ бо назардошти ба инобат гирифта шудани хусусиятҳои хоси соҳа таъмин мо рози̅ ҳастем. Бинобар ин, арзёбии ҷаҳонии рейтинги ҷаҳонии ҳавопаймои милли̅ низ бояд мониторинги ширкатҳои миллиро ҳамаҷониба истифода намояд ва бо назардошти он такмили идораи комплекси авиатсионии кишварро анҷом диҳад.

Ақидаи муаалифро ҷиҳати ба назар гирифтани сарбории воқеии ҳавопаймо баррасии ҳамаҷонибаи таъминоти оптималии сӯзишвори̅, реҷаҳои парвоз, бо назардошти таъсири онҳо ба муҳлати муҳаррик ва дигар омилҳо шарти зарури̅ мешуморем. Аз тарафи дигар ҳалли масъалаҳои оптимизатсияи ҳар як роҳи ҳавои̅ дар хатсайрҳои байналмиллалии ҳавои̅ аз ҷиҳати дарозии худ ва манёври зарури̅ дар минтақаи аэродроми фуруд, беҳтар намудани сифати назорати навигатсиони̅ ба иҷрои ҳар як парвоз, ки ба такмили ташкили кори парвоз мувофиқ аст зарур шуморида, раванди ташкили мусофиркашони̅ ба брон кардан ва фурӯши чиптаҳои авиатсиониро саривақти̅ мешуморем. Инчунин низоми автоматии фармоиш ва фурӯши чиптаҳо ба парвозҳо бояд қисми фаъолияти самарабахши роҳбарияти ширкатҳои ватани̅ гардад.

Дар боби дуюми рисола **«Арзёбии механизми идоракунии комплекси авиатсиони̅ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (саҳ.57-112) дар асоси маълумотҳои дақиқ таҳлили вазъи кунунии механизми идоракунии комплекси авиатсиони̅ амали̅ карда шуда, омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии ин комплекс муайян карда шуда баррасии механизм ва имкониятҳои такмили низоми идоракунии комплекси авиатсиони̅ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Дар рисола дар асоси маълумотҳои саҳеҳ ва дастрас вазъи муосири механизми идоракунии комплекси авиатсиони̅ мавриди арзёби̅ қарор дода шуда дар зербоби аввали ин боб мушкилоти бехатарии парвоз ва ҳифзи муҳити зист ба миён омада, босуръат иваз кардани ҳавопаймоҳҳои фарсуда, ки ба талабу меъёрҳои қатъитар (аз чиҳати садо ва партовҳои зараровар аз муҳаррикҳои ҳавопаймоҳҳо) мувофиқ нестанд, муайян карда шудааст (саҳ.57-70). Диққати асоси̅ ба афзоиши ҳаҷми ҳаракати нақлиёт бо назардошти мураккаб ва пурзӯр кардани расмият дар фурудгоҳҳо бо назардошти таъмини талаботи амният баҳо дода шудааст.

Дар ин боби рисола вобастагии қисми зиёди ширкатҳои ҳавопаймоӣ аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва комилан тахти назорати онҳо қарор доранд арзёбӣ шудааст. Инчунин ба масъалаи сертификатсияи ширкатҳои ҳавопаймоӣ, иҷозатномадиҳии парвозҳо, назорати ҷадвали парвозҳо ва тарифҳои ҳамлу нақли ҳавоӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба ақидаи муаллиф аксари бозорҳои сайёҳии ҳавоӣ то ҳол тахти танзими пурра ё қисмати ҳукумат қарор доранд ва аз ин рӯ фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоӣ бештар аз ин вобаста аст. Аз тарафи дигар муаллиф дуруст қайд менамояд, ки бо назардошти мушкилоти молиявӣ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ маҷбуранд, ки худро бо нақшаи кӯтоҳмуддат маҳдуд кунанд.

Аз баррасии сохтори зербоби дуюми ин боб бар меояд, ки дар асоси омӯзиши муттасил (ҳисоботи моҳона, семоҳа ва солона) ва ҳамаҷонибаи омилҳои асосие, ки ба ҳаҷми ҳаракати ҳавоӣ таъсир мерасонанд ва дар такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ яке аз ҷабҳаҳои муҳим арзёбӣ карда мешаванд бадода шудааст. Дар ҳақиқат муаллиф дуруст қайд мекунад, ки натиҷаҳои чунин омӯзиш бояд дар воситаҳои ахбори умум нашр карда шавад.

Аз тарафи дигар мо ақидаи муаллифро ҷиҳате оне, ки дар самти татбиқу иҷроиши ҳадафҳои дар ҳуҷҷатҳои дурномои рушди соҳа муайяншуда, ки бехатарии парвозҳоро таъмин менамянд, аз ҷониби роҳбарони сохторҳои таркибии корхонаҳои ҳавопаймоӣ корҳои мунтазами методӣ оид ба пешгирии вайронкунии талаботҳои ҳуҷҷату асноди идоравии роҳбарикунандаву технологӣ ва интизоми меҳнат гузаронида шуда, нақшаи чорабиниҳо оид ба барқароркунии воситаҳои таъминоти радиотехникӣ, метеорологӣ ва дигар таҷҳизоти ёрирасон мунтазам боздиду такмил дода мешавад дастгирӣ менамоем.

Аз таҳлилҳои анҷомдодаи муаллиф бар меояд, ки сабаби асосии афзоиши даромаднокӣ дар соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, иҷроиши бештари парвозҳои нақшавӣ, транзитӣ аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ, кушода шудани хатҳои нави ҳавоӣ ва як қатор дигар омилҳо ба даст оварда шудааст.

Инчунин муаллиф дуруст мешуморад, ки ташаккул ва рушди бозори байналмилалии хизматрасонии комплекси авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳаракати нақлиётии аҳолӣ вобастагии зич дорад ва дар оянда самти афзалиятнок ҳисобида мешавад.

Дар зербоби сеюми ин қисмати диссертатсия вобастагӣ аз омилҳои беруна, ки ба таъмини эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ на танҳо бо равғанҳои

молиданӣ ва қисмҳои эҳтиётии тамоми унсурҳои техникии низоми комплекси авиатсионӣ, балки бо захираҳои кадрии ин низом таъсир мерасонад омӯхта шудааст. Дар ин радиф зарурати такмили низоми барномавии мақсадноки рушди комплексии нақлиёти ҳавоии кишвар бо дохил намудани фасли «Такмили нерӯи кадрҳо» аз тарафи муаллиф зарур шуморида шудааст, ки боиси дастгирӣ аст.

Аз таҳлили ин боб бар меояд, ки сармоягузорӣ ба пайвасти мултимодалӣ барои пайваст кардани фурудгоҳҳо ба шаҳрҳои ҳамсоя ҷанбаи бунёдии беҳбуди қобилияти комплекси авиатсионӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин сармоягузорӣ ба нақлиёти босифати ҷамъиятӣ - автобуси босуръати транзити (АБТ) ва роҳи оҳан метавонад ҳаракати меҳмонон ва ҷамъиятро осон кунад. Аз тарафи дигар модернизатсияи таҷҳизоти аэронавигатсионӣ барои баланд бардоштани эътимод ба реҷаҳои бехатарӣ ва инчунин самаранокии амалиёт хело муҳим шуморида мешавад.

Бо назардошти ин мо ақидаи муаллифро ҷиҳати ҳамоҳангсозии нақшаҳои аэронавигатсияи онҳо бо назардошти талаботи мушаххаси шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - истифодабарандагони НТА-и ҷумҳурӣ дастгирии IATA ва Созмони байналмилалии авиатсияи гражданиро дастгирӣ менамоем. Ба ақидаи мо осонсозии ҳаракат ҳамчун равандҳои асосии омадан ва рафтан барои баланд бардоштани самаранокии фурудгоҳро имконият медиҳад ва барои қаноатмандии мусофирон ва интиқолдиҳандагон таъсири бевосита мерасонад.

Дар боби сеюми рисола **«Самтҳои асосии такмили низоми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (саҳ.113-146) баҳодиҳии тағйирёбии сохтори идоракунии комплекси авиатсионӣ гузаронида шуда, асосноккунӣ ва пешниҳоди самтҳои асосии такмили низоми идоракунии комплекси авиатсионӣ ва унсурҳои асосии он дар Тоҷикистон оварда шудааст.

Дар рисола тағйирёбии сохтори идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир дида баромада шудааст (саҳ.113-124). Дар рисола қайд кардашудааст, ки шароити муосири бозорӣ ба фаъолияти ширкатҳо ҳавопаймоӣ таъсири назаррас дошта аз баррасии омилҳои зиёде вобаста аст. Инчунин дар ин раванд баррасии фаъолияти ташкилотҳо ғайриҳавоӣ - гумрук, хадамоти муҳоҷират, тандурустӣ, андоз, молия назорати асъор, муҳити зист, кумитаи зиддиинҳисорӣ ва ғайра зарур шуморида мешавад. Ба ақидаи муаллиф варианти оптималӣ ҳангоми муқоисаи ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар сохтори комплекси авиатсионӣ

ҷумҳурӣ ин таҳлили нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиро дар бар мегирад. Дар ин раванд гузаронидани муқоисаҳои комплексӣ ҷиҳати дастрасии онҳо ба иттилоот ва инчунин аз сохтори даромад ва хароҷоти ширкатҳо вобастагии зич дорад.

Бо дарназардошти он, ки сохтори даромад ва хароҷот дар ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар аксари мавридҳо нишондиҳандаҳои молиявӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, дар ин маврид нишондиҳандаҳое бояд ба инобат гирифта шаванд, ки натиҷаҳои фаъолияти асосии истеҳсолиро инъикос мекунанд. Аммо беҳтар шудани арзиши чунин нишондиҳандаҳо ба вазъи умумии молиявии ширкат таъсири назаррас мерасонад. Аз и рӯ арзёбии коэффитсиенти бори ҳавопаймо зарур аст ва онро дар асоси истифодаи ду усули асосии моделсозии риёзӣ, ки ҷанбаҳои ба даст овардани даромади максималиро замина мешавад (саҳ. 118) ва тақсимоти пешниҳоди фурӯш аз рӯи навъи бандкунӣ (бронирования) ва мувофиқан аз рӯи сатҳҳои нархномаҳои мувофиқ, сиёсати чандирии фурӯшро истифода намудан имконпазир аст. Инчунин муаллиф дуруст қайд мекунад, ки қадамҳои асосӣ оид ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар соҳа (саҳ. 122) дода шавад.

Ба ақидаи муаллиф барои мувофиқ намудани комплекси авиатсионии кишвар ба талаботи бозори ҷаҳонӣ, ҳамчунин мутобиқати он ба талаботи ИКАО самтҳои асосии такмили низоми идоракунии компекси авиатсионӣ, аз ҷумла роҳҳои таҷдиди сохтории комплекси авиатсионӣ чун либерализатсияи бозори ҷаҳонии комплекси авиатсионӣ, таъсис ва рушди иттиҳодияҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ; тағйир додани афзалиятҳои мусофирон, ки нисбат ба сифати хизматрасонӣ талаботи барзиёд мегузоранд; тақвияти мавқеи ширкатҳои ҳавопаймоии камхарҷ; тамоюли муттаҳидшавӣ ва байналмиллалии шарикони ширкатҳои ҳавопаймоӣ (масалан, ширкатҳои сайёҳӣ) ва рушди технологияҳои нав дар бизнеси авиатсионӣ (аз ҷумла тиҷорати электронӣ) муайян карда мешавад (саҳ.125).

Дар рисола самтҳои асосии такмили низоми идоракунии комплексиавиатсионӣ ва унсурҳои асосии он дар шароити муосир ва схемаи идоракунии захираҳои молиявии комплекси авиатсионӣ ва зерсохтори он (саҳ. 126) пешниҳод карда шудааст, ки боиси дастгирӣ мебошад. Дар раванди ташаккули шароити ташкили захираҳои молиявии худӣ таъминоти максималии ҳаҷми ҷалби захираҳои молиявӣ аз сарчашмаҳои худӣ зарур аст. Аз тарафи дигар таҳлили имкони ҷалби захираҳои молиявии иловагӣ аз ҳисоби фоидаи соф, имкони ҷалби

захираҳои молиявии иловагӣ тавассути фарсудашавӣ, муайян намудани таносуби ташаккули захираҳои молиявӣ аз ҳисоби амортизатсия ва фоидаи соф аз рӯи меъёри зиёд кардани маблағи умумии онҳо зарур шуморида мешавад. Инчунин дар рисола баҳодиҳии нишондиҳандаҳои сармояи худӣ дар оғози давраи стратегӣ, ҳиссаи нақшавии сармояи худӣ дар ҳаҷми умумии он, талаботи умумии сармоя дар охири давраи стратегӣ, маблағи фоидае, ки барои истеъмол дар ин давра ҷудо карда шудааст (саҳ. 127-128) зарур шуморида мешавад.

Дар диссертатсия диққати асосӣ ба арзёбии комплекси идоракунии захираҳои кадрии авиакорхонаҳо дода шуда, дар асоси тафтишоти садамаҳои ҳавоӣ сабаби асосии афзоиши садамаҳои ҳавопаймоиро муайян карда шудааст. Инчунин фаъодияти корхонаҳои таркибии комплекси авиатсионӣ, ки лоиҳаҳои сармоягузориро мустақилона амалӣ месозанд, дида баромада шуда, ҷалб намудани маблағҳои қарзиро барои нақшаҳои бизнеси лоиҳаҳои сармоягузорӣ мувофиқа мекунанд. Ҳангоми ҷалби маблағҳои қарзии хориҷӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд.

Дар рисола ҳадафҳои асосии татбиқи Барномаҳои рушди комплекси авиатсионӣ, таъмини амалҳои ҳамоҳангшуда оид ба татбиқ, нишондиҳандаҳое, ки барои баҳодиҳии вазъи молиявии ширкатҳои ҳавопаймоӣ истифода мешавад муайян карда шуда, функсияҳои асосии назорати хавфҳоро ҷудо шудаанд. Дар маҷмӯ самтҳои асосии такмили низоми идоракунии комплекси авиатсионӣ пешниҳод карда шудаанд. Дар ин раванд истифодаи низоми муштараки қабули қарорҳои Amadeus ACDM-Portal (саҳ. 146) бо назардошти такмилоти менеҷменти молиявӣ, аз ҷумла, тағйири схемаи идоракунии захираҳои молиявии комплекси авиатсионӣ ва зерсохтори он; рушди барномавии комплекси авиатсионии кишвар ва таъмини бехатарии парвозҳо; муайян намудани ҷамъи нишондиҳандаҳои арзёбӣ ва мониторинги соҳа, аз ҷумла, арзёбии хавфи тиҷоратӣ ва хавфи молиявӣ пешниҳод шудааст.

Мо бапуррагӣ пешниҳоди муаллифро нисбати такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ сохтори нав дар назди Агентии авиатсияи гражданӣ як маркази асосӣ таъсис дода шавад, то ки фаъолияти ҳамаи корхонаҳои зертобеи онро, аз қабили фурудгоҳҳо, комплекси сӯзишворӣ, ҷамъияти "Хӯроки дохили ҳавопаймо" ва КВД "Аэронавигатсия" ҳамоҳанг созад дастгирӣ менамоем. Бояд қайд намуд,

ки дар ин ҳолат вақт сарфа гардида раванди иҷозатдиҳӣ осонтар мегардад ва ҳам барои Агентии авиатсияи гражданӣ, ки масъули сиёсати давлатӣ дар соҳа аст, пешбурди фаъолият ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ баландтар мегардад.

Дар хулосаи рисола (саҳ.147-151) пешниҳодҳо ҷиҳати такмили низоми идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳои мушаххас доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо дида баромада шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Дар асоси баррасии рисола муайян намудем, ки пешниҳодҳои муаллифро дар раванди такмил додани механизми идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ бо назардошти баҳисобгирии хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти ин комплекс бо назардошти баҳисобгирии масоили мавҷуда вобаста ба шароити кӯҳсорӣ Тоҷикистон истифода намудан бамаврид аст. Аз тарафи дигар натиҷаҳои ноилшудаи муаллифро ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми такмил додани равандҳои нақлиёти авиатсионӣ, ба назар гирифтани, омилҳое, ки ба рушди он таъсири манфӣ мерасонанд мавриди истифода қарор додан имконпазир аст.

Инчунин аҳаммияти амалии рисола дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои муайяни онро дар раванди татбиқи «Барномаи рушди соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025», такмили механизми идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамоӣ он метавонанд истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадаст овардаи муаллифро метавон дар раванди ташкили бозомӯзии кормандони комплекси авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тайёр кардани мутахассисони ин соҳа дар макотиби олии кишвар дар раванди омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти нақлиёти ҳавоӣ», «Ташкили ҳамлу нақл бо нақлиёти ҳавоӣ», «Менеҷмент ва маркетинг дар нақлиёт», «Идоракунӣ ва банақшагирии нақлиёти ҳавоӣ» истифода намуд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Новобаста аз дастовардҳои илмии муаллиф дар диссертатсия якчанд камбудиҳо ҷой доранд:

1. Дар диссертатсия асосҳои назариявию методӣ аз тарафи муаллиф вобаста ба афзалиятҳо ва маҳакҳои ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Новобаста ба ин на ҳамаи ҷанбаҳои назариявии такмили механизми идоракунии комплекси

авиатсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии он пурратар асоснок карда нашудааст.

2. Аз рисола бармеояд, ки дар он омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон омухта ва муайян карда шудаанд. Мутаасифона баҳодиҳии таъсири ин омилҳо ба раванди идоракунии комплекси авиатсионӣ ба пуррагӣ сурат нагирифтааст.

3. Дар диссертатсия арзёбии механизм ва имкониятҳои такмили низоми идоракунии комплекси авиатсионӣ сурат гирифтааст. Мутаасифона сарчашмаҳои таъмини молиявии идоракунии комплекси авиатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

4. Бояд қайд намуд, ки самтҳои асосии такмили низоми идоракунии комплекси авиатсионӣ ва унсурҳои асосии он дар давраи имруза пешниҳод гардидааст. Новобаста ба ин манбаъҳои амалисозии ин самтҳо дар миқёси кишвар дуруст муайян ва натиҷагирӣ нашудааст.

5. Дар диссертатсия хатогиҳои грамматикӣ, услубӣ, орфографӣ дида мешаванд. Баъзе мавҳумҳо таҳрир талаб мебошанд.

Таъкид кардан зарур аст, ки эродҳои қайдшуда сифат ва аҳаммияти илмию амалии диссертатсияро паст намекунад ва онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

### Мутобиқати автореферат ва интишороти натиҷаҳои асосии диссертатсия

Автореферат ва интишороти муаллиф натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои диссертатсияро дар бар гирифта дар ҳафт мақолаи илмӣ, аз ҷумла, панҷ мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи аттестатсионии Олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҳаҷми 4,5 ҷузъи чопӣ нашр кардааст.

### Хулоса доир ба мутобиқ будани диссертатсия ба тартиби додани дараҷаи илмӣ

Тахассуси илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Раҳмон Ю.А. ба ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Раҳмон Ю.А. дар мавзуи “Такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир” таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои асосноки илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Рисолаи ичрокардашуда ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.06.04 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият: «10.6 - Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалӣ ва институтсионалии идоракунии ташкилот. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯи давраҳои ҳаётии он; 10.7 - Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патентҳо, ноу-хау, имиҷ, бренд ва ғайра). Идоракунии лоиҳаҳо, коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва идоракунии он, идоракунии донишҳо, хавф (риск), сифат, бизнес-равандҳо дар ташкилот. Методология ва методҳои идоракунии инноватсионӣ, низоми инноватсионии корпоративӣ» пурра мувофиқат менамояд.

Дар маҷмӯ бояд қайд намуд, ки рисолаи пешниҳод намудаи Раҳмон Юсуф Азим ба талаботи ба талаботи мукарраргардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, диссертант барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.04 -Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо сазовор мебошад.

**Мукарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи фаъолияти
гумруки ДДТТ Раҷабов Р.К.

Имзои д.и.и, профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

**Суроға:** 734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, E-mail: drrajab@mail.ru. Тел.: (+992) 934444107.